«Тасдиқ мекунам»
Директори Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ
н.и.г.- м. Сафарализода Н.С.
_______________
аз “22” сентябри соли 2025

# ХУЛОСАИ
## Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Диссертатсияи Ёқубзода Шокир Абулфайз дар мавзуи «Хусусиятҳои пайдошавии равандҳои ярчӣ дар водии рӯди Сурхоб бо назардошти таъсироти сейсмикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия аз рӯйи ихтисоси 25.00.08 - Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ дар озмоишгоҳи баҳодиҳии хатарҳои сейсмикии Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар марҳилаи омода намудани диссертатсия Ёқубзода Ш.А. саравval ба ҳайси ходими хурди илмӣ, ходими илмӣ ва сипас, ҳамчун ходими калони илмии озмоишгоҳи баҳодиҳии хатарҳои сейсмикӣ фаъолият намудааст.

Ёқубзода Ш.А. соли 2006 ба факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2011 аз рӯи ихтисоси 080100 – “Аксбардории геологӣ, ҷустуҷӯ ва иктишофи конҳои канданиҳои фоиданок”-ро хатм намудааст (диплом ДТО №20226463).

Номбурда бо фармоиши директори Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АИҶТ аз 22 октябри соли 2018 ба ҳайси унвонҷӯи Озмоишгоҳи баҳодиҳии хатари сейсмикӣ қабул гардида, мавзуи диссертатсияи ӯ зери унвони “Особенности проявления оползневых процессов на территории Таджикистана с учетом сейсмических воздействий”, таҳти роҳбарии доктори илмҳои геология ва минералогия, профессор Саидов М.С. тасдиқ гардидааст.

Бинобар сабаби васеъ будани майдони корҳои илмию тадқиқотӣ ва пайдо шудани зарурати истеҳсолӣ бо дархости роҳбари илмӣ ва худи унвонҷӯ мавзуи диссертатсияи Ёқубзода Ш.А. ба “Хусусиятҳои пайдошавии равандҳои ярчӣ дар водии рӯди Сурхоб бо назардошти таъсироти сейсмикӣ”

иваз карда шуд (қарори Шурои олимони Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АИҶТ аз 30.11.2020, №4)

Дар асоси шаҳодатномаи №1303 аз соли 23.06.2025, ки аз ҷониби Раёсати магисратура, аспирантура ва докторантураи АМИТ ба Ёқубзода Ш.А. дода шудааст, номбурда имтиҳонҳои минимуми номзадиро супорида, баҳоҳои зеринро соҳиб гардидааст:

Забони хориҷӣ (англисӣ) “Хуб” аз 29.05.2024с.;

Таърих ва фалсафаи илм “Аъло” аз 24.11.2024с.;

Тахассус: 25.00.08 - Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ “Аъло” 25.04.2025с.;

Диссертатсияи Ёқубзода Ш.А. дар мавзуи «Хусусиятҳои пайдошавии равандҳои ярчӣ дар водии рӯди Сурхоб бо назардошти таъсироти сейсмикӣ» дар озмоишгоҳи баҳодиҳии хатарҳои сейсмикии Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 19 сентябри соли 2025, №5 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи дар мавзуи «Хусусиятҳои пайдошавии равандҳои ярчӣ дар водии рӯди Сурхоб бо назардошти таъсироти сейсмикӣ» чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба муҳтавои диссертатсия.** Иштирокчиёни ҷаласаи васеи Озмоишгоҳи баҳодиҳии хатарҳои сейсмикии ИГСЗТС АМИТ диссертатсия ва маводи ба он дахлдоштаро пешниҳод ва муҳокима карда, чунин мешуморанд, ки диссертатсияи Ёқубзода Ш.А ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия аз рӯи ихтисоси 25.00.08 - Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ ҷавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисос созгор аст.

Мавзуи диссертатсияи Ёқубзода Ш.А. ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ алоқамандии зич дорад.

**Мутобиқати шумора ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия.** Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 18 мақолаи илмӣ ба чоп расонида, аз ин 9 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расида, ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2023, 295) ҷавобгӯ аст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамояд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо ин аз истифода намудани усулҳои таҳқиқот аз қабили тартиб додани нақша ва харитаҳои инжинерӣ-геологии минтақа дар масштабҳои гуногун, имконияти омӯзиши сохтори геологии водии рӯди Сурхоб, хавфҳои техногенӣ, арзёбии хавфҳои табиӣ ва ба грунтҳо ҷудокунии онҳо.

Инчунин, дараҷаи эътимоднокӣ бо чопи натиҷаҳое, ки дар чорабиниҳои илмии сатҳои гуногун ба даст омадаанд, асоснок карда мешаванд. Дар ҷараёни навиштани рисолаи диссертатсионӣ маводи фондии Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД “Аэрогеодезия”-и ш. Душанбе ва Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин аз адабиёти чопшуда истифода карда шудаанд.

**Татбиқи натиҷаҳои илмӣ.** Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ аз ҷониби Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи чорабиниҳо оид ба пешгирии падидаҳои хатарноки табиӣ, инчунин дар раванди таълим ва корҳои илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба самтҳои геологӣ ва географӣ дар вақти баргузории лексияҳо, гузаронидани дарсҳои лабораторӣ ва амалӣ истифода мешаванд. (Санади татбиқ аз 12.06.2025).

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ**. Тадқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби довталаб мустақилона анҷом ва корҳои саҳроӣ шахсан бо иштироки бевоситаи довталаб ба сомон расонида шудаанд. Мушоҳидаҳои визуалӣ ва таҳлили сарчашмаҳо аз ҷониби унвонҷӯ ба роҳ монда шуда, коркарди натиҷаҳои корҳои саҳроӣ ва таҳлилӣ низ бевосита аз тарафи унвонҷӯ гузаронида шудаанд. Харитаву нақшаҳои геологӣ ва сейсмикӣ шахсан аз ҷониби довталаб рақамӣ карда ва тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳо дар истеҳсолот коркард карда шуданд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисос.** Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси (25.00.08 - Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ): -

12. Моделсозии физикӣ, математикӣ, аналогӣ (монанд) ва дигар равандҳои геологӣ, геокриологӣ ва инжинерӣ-геологӣ, пешгӯикунӣи инкишоф дар вақт ва фазо, арзёбӣ ва идоракунии хавфу хатарҳои геологӣ.

16. Ноҳиябандии инжинерӣ-геологӣ ва геокриологии ҳудудҳо, тартиб додани харитаҳои инженерӣ-геологӣ, геокриологӣ ва асосноккунӣ барои таъиноти гуногун.

17. Системаҳои геоинформатсионӣ ва технологияҳои геоинформатсионӣ ҳалли вазифаҳои геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ мутобиқат мекунад.

Диссертатсияи Ёқубзода Ш.А. аз муқаддима, 4 боб, хулоса ва рӯхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба кори диссертатсионии худ Ёқубзода Ш. А. 18 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳо илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда ва 9 мақолаи дигар дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба чоп расонидааст.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯи мавзуи диссертатсияи дар таълифоти зерин муаллиф инъикос ёфтааст:

**1. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

1. **Ёкубов Ш.А**. Об инженерно-геологических условиях и сейсмическом микрорайонировании г. Душанбе /**Ш.А. Ёкубов**, Ш.Я. Муродкулов // Журнал «Наука и Инновация. Серия геологических и технических наук», Душанбе, 2017, №2, -С. 108 – 114. ISSN:2312-3648

2. **Ёқубов Ш.А.** Исследование зон возможного развития эгзогенных геологических процессов при сейсмических явлениях на территории Лахшского района в Таджикистане /**Ш.А. Ёкубов**, Ш.Я. Муродкулов, Б.К. Олимов, М.С. Сафаров, Ш.А. Файзуллоев // Журнал «Наука и Инновация. Серия геологических и технических наук». Душанбе, 2020 г, №1, -С. 101-107. ISSN:2664-1534.

3. **Ёқубов Ш.А.** Прогноз возникновения неглубоких оползней района каскада ГЭС на реки Вахш /**Ш.А. Ёқубов**, Ш.А. Файзуллоев // Журнал «Наука и Инновация. Серия геологических и технических наук». Душанбе, Изд-е ул.Лохути 2. 2020 г, №2, -С. 38-43. ISSN:2664-1534.

4. **Ёқубов Ш.А.** Моделирования восприимчивости к оползням района каскада ГЭС на реки Вахш с использованием метода анализа иерархий ГИС – технологий /**Ш.А. Ёқубов**, Ш.А. Файзуллоев, Д.Ф. Байгенов, Б.А. Аламов, Ш.А. Олимов // Журнал Известия НАНТ 2020 г, -С. 121-129. ISSN: 0002-3485.

5. **Ёқубов Ш.А.** Опасные экзогенные геологические процессы и сейсмическая опасность бассейна р. Сурхоб /**Ш.А. Ёқубов**, А.Р. Ищук // Ахбори АМИТ, Душанбе, 2022 г, -С. 123-133. ISSN: 2791-2337.

6. **Ёкубов Ш. А.** Концептуальная модель риска бедствий. кырсык коркунучтунун концептуалдык модели conceptual model of disaster risk /М.И. Шарипова, **Ш.А. Ёкубов**, М.С. Саидов // Интернет-журнал НАН Кыргызской Республики, 2022 г, -С. 50-57.DOI:10.26104/NNTIK/2022.22.13.009.

7. **Ёқубов Ш.А.** Оползневые и обвальные явления на склонах высокогорных хребтов сейсмоактивных зон Таджикистана /**Ш.А. Ёқубов** // Весник филиала московского государственного университета имени М.В. Ломоносов в городе Душанбе, 2023 г, -С. 90-97. ISSN:2709-6238.

8. **Ёқубов Ш.А.** Опасные экзогенно-геологические процессы и их воздействие на транспортные коммуникации Таджикистана /**Ш.А. Ёқубов,** М.С. Саидов, Ф.С. Салихов // Весник филиала МГУ имени М.В. Ломоносов в городе Душанбе, 2023 г. -С. 125-134.ISSN:2709-6238.

9. **Ёқубов Ш.А.** Ээкзогенные геологические процессы бассейна р. Сурхоб (Каратегинский хребет) /**Ш.А. Ёқубов** // Вестник филиала МГУ имени М.В. Ломоносов в городе Душанбе, 2024 г. -С. 13 -19.ISSN: 2709-6238

**2. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

1. **Ёкубов Ш.А**. О зависимости эффектов проявления сильных землетрясений от инженерно-геологических условий территории. /**Ш.А Ёкубов** //Шестнадцатая уральская молодежная научная школа по геофизике. Издательство: Горный Институт Уральского отделения РАН, (г. Пермь) Москва. Сборник научных материалов, 2015 г, -С. 122-125.

2. **Ёқубов Ш.А.** Составление ГИС базы данных для изучения риска стихийных бедствий в долине р. Сурхоб /**Ш.А. Ёқубов** // Труды Института геологии, сейсмостойкого строительства и сейсмологии НАНТ, Душанбе: 2020, № 3, -С. 74 – 81.

3. **Ёкубов Ш.А**. О возможных опасных экзогенных геологических явлениях при сильных сейсмических воздействиях на территории Таджикистана /**Ш.А. Ёкубов**, Ш.Я. Муродкулов, М.Д. Джурсизова // Институт геологии, сейсмостойкого строительства и сейсмологии НАН Т, г. Душанбе. Таджикистан 2021 г, -С. 82-89.

4 **Ёқубов Ш.А.** Тавсифи мухтасари фаъолноки сейсмикии ҳудуди Тоҷикистон /**Ш.А. Ёқубов** // Конфренсияи ҷумҳуриявии илмию амали ”Проблемаҳои геология ва коркарди конҳои канданиҳои фоиданок” бахшида ба “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040)” 30-юми октябри 2024с.**)**, -С. 46-50.

5 **Ёқубов Ш.А.** Сейсмотектонические условия района город Душанбе /**Ш.А. Ёқубов,** Ш.Я. Муродкулов, С.С. Хамроев // Конфренсияи ҷумҳуриявии илмию амали ”Проблемаҳои геология ва коркарди конҳои

канданиҳои фоиданок" бахшида ба "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040)" 30-юми октябри 2024с.), -С. 141-150.

6 **Ёқубов Ш.А**. Оид ба устувории муҳити табиӣ ба сарбории антропогенӣ дар шароити Тоҷикистон. /Ф.Г. Ғафуров, С.Б. Ятимзода, **Ш.А. Ёқубов** // Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ "Масоили геологӣ: дурнамо ва рушди он", бахшида ба рӯзи геологҳо 9 -уми декабри соли 2024, Данғара, 2024, -С. 57-62.

7 **Ёқубов Ш.А.** Сейсмические и оползневые опасности в Джиргатальском районе в Таджикистане **/Ш.А. Ёқубов,** Ш.Я. Муродкулов //Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ "Масоили геологӣ: дурнамо ва рушди он", бахшида ба рӯзи геологҳо 9 -уми декабри соли 2024, Данғара, 2024, -С. 132-135.

8 **Ёқубов Ш.А**. Оид ба равандҳои муосири геологӣ дар водии дарёи Сурхоб (қаторкуҳҳои Қаротегин) /**Ш.А. Ёқубов** // Маводи III-конференсияи анъанавии байналмиллалии илмӣ-амалӣ "Рушди саноати миллӣ ва геологияи тоҷик дар даврони соҳибистиқлолии кишвар", бахшида ба рӯзи геологияи тоҷик. Бӯстон, 2024, -С. 54-56.

9. **Ёқубов Ш. А.** Таъсироти фаъолияти сейсмикӣ ба зуҳурёбии равандҳои ярчӣ (дар мисоли минтақаи Лахш) /**Ш.А. Ёқубов,** М.С. Саидов // Ахбори АМИТ. Силсилаи: "Илмҳо оид ба Замин ва муҳити зист. Энергетика ва электротехника. Технологияҳои химиявӣ, илмҳо оид ба маводҳо ва металлургия". Душанбе, 2025, №1(5), -С. 38-44.

**ҶАЛАСА ҚАРОР КАРД**:

1. Диссертатсияи Ёқубзода Ш.А. дар мавзуи «Хусусиятҳои пайдошавии равандҳои ярчӣ дар водии рӯди Сурхоб бо назардошти таъсироти сейсмикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия аз рӯи ихтисоси 25.00.08 - Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ кори таҳқиқии пурра ва анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Ёқубзода Ш.А. дар мавзуи «Хусусиятҳои пайдошавии равандҳои ярчӣ дар водии рӯди Сурхоб бо назардошти таъсироти сейсмикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия аз рӯйи ихтисоси 25.00.08- Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ бо назардошти ислоҳи камбудиву эродҳои гирифташуда, барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи озмоишгоҳи баҳодиҳии хатарҳои сейсмикии Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 10 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «Тарафдор» - 10 нафар, «Зид» - нест, «Бетараф» - нест.

Раисикунандаи ҷаласа:
Мудири озмоишгоҳи
баҳодиҳии хатарҳои сейсмикии
Институти геология, сохтмони ба
заминҷунбӣ тобовар ва
сейсмологияи АМИТ н.и.г.-м.: Муродқулов Ш.Я.

Котиби ҷаласа: Раҳимзода М.Р.

Имзоҳои Муродқулов Ш.Я. ва
Раҳимзода М.Р.-ро тасдиқ менамоям.
Нозири калон оид ба кадрҳои
Институти геология, сохтмони ба
заминҷунбӣ тобовар ва
сейсмологияи АМИТ Кароматуллои Ю.

*19-уми сентябри соли 2025*